# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Аминзода Абдураззоқ Худойшукур дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Аминзода Абдураззоқ Худойшукур дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Истиқлолияти Тоҷикистон ташкил ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро вазифагузорӣ, ташаккул ва тавсеаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва адолатнокро мақсади марказӣ эълон намуд. Интихоби чунин низоми давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи адлпарвар заминаи воқеии худро аз кӯшишу матонати фарзанди қаҳрамони миллат, тавассути раъйи халқи Тоҷикистон пайдо намуда, ба фарҳангу арзишҳои ҳуқуқии дар тули ҳазорсолаҳо ҳифзгаштаи халқи тоҷик далеловарии маънавӣ ва фарҳангӣ намуда, тавассути истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии халқӣ, расман эълон гашт.

Муносибатҳои соҳаи ҳуқуқи оилавӣ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-маданӣ ва фазои ҳуқуқии дилхоҳ ҷамъият яке аз соҳаҳои фаъол ва бештар ҳаётӣ арзёбӣ мешуд ва то ҳол ҳамин тавр боқӣ мондааст. Муносибатҳои оилавӣ ва хонаводагӣ дар муносибатҳои бунёдии иҷтимоӣ, дар шаклгирӣ ва рушди низоми ҳуқуқии кишвар ҳамеша нақши арзанда доштанд.

Таҷрибаи бойи ҳуқуқи халқи тоҷик, ки таърихи бостонии пурғановатеро доро аст, дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ борҳо таваҷҷуҳи натанҳо хуқуқшиносони ватанӣ, балки хориҷиро низ ба худ ҷалб намудааст. Таърихи ҳуқуқи халқи мо, масъалаҳои зиёди мубрами ҳуқуқиеро доро мебошад, ки аз назари сатҳу сифати рушди ҳодисаи иҷтимоии арзанда метавонанд мавриди омӯзиш, аз худ кардан ва дар ҳолатҳои мувофиқ ба табиати давлати дунявӣ буданашон масъалаи дар низоми ҳуқуқии муосир ҷойгир намудани онҳо ҳамчун воситаи устувории

оила, тарбияи фарзандон ва пешгирии парокандашавии оилаҳои ҷавон, ба мисли атоми қавии васли иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Мубрамияти проблемаҳои инкишофи муносибатҳои соҳаи ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқии муосири халқи қадимаи тоҷик, ки аз назари ғоявӣ ва ахлоқию ҳуқуқӣ дар пояи баланди танзим қарор доштанд, бешак аён аст. Омӯзиш ва таҳлили ин паҳнои арзишҳои ҳуқуқӣ, дар ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулёфтаистодаи Тоҷикистон, ки маҳз оила дар он нақши марказиро мебозад, мубрамияти боз ҳам бештарро касб менамояд. Нигоҳдории оила ва маҳфузу пос доштани арзишҳои оилавӣ дар анъанаи зиндагӣ ва низоми ҳуқуқии муосири тоҷикон ҳамеша яке аз муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, нишондиҳандаи сатҳи умумии ахлоқу маънавиёти миллат дониста мешавад.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти мазкур бо назардошти ниёзҳои воқеии рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, талаботи назария ва амалияи ҳуқуқӣ, мубрам ва сариваҳтӣ буда, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ, таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти муназзам, ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба суратгирифтаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ ва институтҳои он ҳамчун никоҳ, талоқ, фарзандхондӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молу мулкии ҳамсарон, аҳдномаи никоҳ, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ дар даврони амали ҳуқуқи одатӣ, зардуштӣ, исломӣ, шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Дар баробари ин, дар таҳқиқот нахустин маротиба дар ҳаҷми як таҳқиқоти маҷмуӣ хотира ва амалияи ҳуқуқии халқи тоҷик дар паҳнои шаклгирии падидаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ – никоҳ, талоқ, фарзандхондӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молу мулкии ҳамсарон, аҳдномаи никоҳ, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ дар масири чор низоми таърихии ҳуқуқӣ – зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол батадриҷ таҳлил гардида, қонунмандиҳои асосии рушди ҳуқуқи хонаводагӣ дар таърихи беш аз дуҳазорсолаи халқи тоҷик мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зерин ба таври муфассал баррасӣ шудааст:

– ошкор намудани хусусиятҳои зуҳурёбӣ ва ташаккули институти никоҳ дар манотиқи Тоҷикистони таърихӣ ва таҳлил намудани сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои соҳаи ҳуқуқи оилавиро дар ҳуқуқи одатӣ ва зардуштӣ танзим мекарданд;

– муайян намудани шаклҳо ва намудҳои никоҳ ва талоқ дар зиндагии тоҷикони бостон;

– таҳлили фарзандхондӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи оилавӣ, омӯхтан ва муайян намудани мақсади он дар давраҳои гуногуни таърихӣ;

– таҳлили шаклҳои бастани ақди никоҳ ва баррасии ҳуқуқии шартномаҳои нахустини никоҳ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик;

– баррасии меъёрҳои батанзимдарорандаи никоҳ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ;

– омӯзиши табиати ҳуқуқии бастани ақди никоҳ ва мақоми ҳуқуқии тарафҳо дар никоҳ дар даврони амали ҳуқуқи исломӣ дар Тоҷикистони таърихӣ;

– таҳлили оқибатҳои ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда мувофиқи низоми ҳуқуқи мусулмонӣ;

– ошкорсозии хусусиятҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва нақши онҳо дар танзими муносибатҳои оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ;

– муайян намудани вазифа ва ошкор сохтани моҳияти принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ дар қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ;

– муқоиса кардани меъёрҳои таърихӣ-ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ-никоҳӣ бо институтҳои муосири ҳуқуқи оилавӣ.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида бо истифодаи маҷмуи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, таҳлили амиқи адабиёти назариявӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин таҳлили заминаҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва инъикоси комплексии феномени оила ҳамчун ҳодисаи ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи миллати тоҷик таъмин карда шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик асос ёфта, омӯзиши асарҳои илмӣ ва масъалаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда, ҳамчунин маводи амалӣ ва тавсияҳоро тасдиқ менамояд. Илова бар ин, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф, таҳлили таърихии ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, ҳолати кунунӣ ва инкишофи ҳуқуқи оилавӣ дар замони муосир дар бораи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар раванди такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти таълимӣ, ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии асосҳои давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва ҳуқуқи оилавӣ, инчунин дар таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ

истифода шаванд.

**5. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва хулосаҳои он дар ҷараёни навиштани рисолаҳои илмӣ, дар пурра намудани норавшаниҳои таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, кушодани печидагиҳои илми таърихи ҳуқуқи оилавӣ, мукаммал намудани таълими таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва беҳтар гардонидани базаи қонунгузории ҳуқуқи муосири оилавӣ истифода шуда метавонанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои коркардшуда ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ мусоидат менамояд.

**6. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Аминзода Абдураззоқ Худойшукур дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз ҷумла ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 5 (панҷ) боб ва 14 (чордаҳ) зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 358 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмети) таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтори диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Боби якуми диссертатсия – «Ташаккул ва рушди институтҳои ҳуқуқи оилавӣ дар аҳди бостон ва фарҳанги ҳуқуқи зардуштия»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад ва дар доираи он махсусият ва вижагиҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ, муносибатҳои оилавӣ дар низоми ҳуқуқи бостон, бастани никоҳ ва танзими

ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба он дар ҳуқуқи зардуштӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Зербоби якуми боби якум «Муносибатҳои оилавӣ ва ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: махсусият ва вижагиҳо»** номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои раванди ташкили оила ва роҳҳои ҳуқуқии ташаккул, рушд ва таназзули он дар ҳаёти иҷтимоӣ, муносибатҳои ҷамъиятии дорои характери ҳуқуқии атрофи таъсис, фаъолият ва кандашавии оила матраҳ гардидаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар баъзе мавридҳо падида ва ҳодисаҳои ҳуқуқӣ-сиёсие мавҷуданд, ки аз назари табиати ҳуқуқӣ шаклан ва мазмунан ҳеҷ наздикие ба унсурҳои оилавӣ надоранд, вале ҳамчун ба таҳқиқоти амиқи илмии онҳо аз назари касбӣ мутахассисон машғул мешаванд, онҳо кадом як замоне дар шакли ибтидоӣ ҳамчун унсури анъанаҳои оилавӣ рӯйи кор омадаанд, ки ин ақидаи унвонҷӯй боиси дастгирист (С. 38).

**Зербоби дуюми боби якум – «Муносибатҳои оилавӣ дар низоми ҳуқуқии бостон»** номгузорӣ шуда, дар ин зербоб масъалаи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ дар аҳди бостон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, муаллиф асосан ба навъҳои никоҳ ва оилаи дар ин давраи таърихӣ мавҷуд буда, таваҷҷуҳ намуда, қайд кардааст, ки таҳлили адабиёти муҳаққиқоне, ки асарҳояшон ба муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ дар аҳди бостон бахшида шудааст аз он шаҳодат медиҳанд, ки никоҳ бо назардошти чунин ҳолатҳо ба навъҳои зерин ҷудо карда мешаванд: а) никоҳи хешони хунӣ – ин никоҳе буд, ки байни хешони наздики хунӣ баста мешуд, яъне никоҳ бо хоҳар, модар, духтар, хола, амма ва дигар хешони хунӣ; б) никоҳи гуруҳӣ (бисёрникоҳӣ) – чунин никоҳро шартан ба ду гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) дар никоҳи якдигар будани гуруҳи мардон ва занон новобаста аз хеш ё бегона буданашон. Дар ин навъи муносибати мардону занон ҷой доштани аломатҳои никоҳ ниҳоят мушкил ва боварнокарданист; 2) дар никоҳи як зан будани гуруҳи мардон (никоҳи матриархалӣ) ва дар никоҳи як мард будани гуруҳи занон (никоҳи патриархалӣ) ва ғ., ки ин ақидаи диссертант низ боиси дастгирӣ мебошад С. 54).

**Боби дуюми диссертатсия «Намудҳои никоҳ ва талоқ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва масъалаҳои танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ»** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат буда, дар он мафҳум ва шаклҳои никоҳ, намудҳои никоҳ ва талоқ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, моликияти шахсӣ ва умумии ҳамсарон, ҷаҳизия (моли арӯс), фарзандхондӣ, мафҳум, мақсад ва субъектҳои он мавриди тахқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Дар зербоби якуми боби дуюм – «Мафҳум, шаклҳо ва намудҳои никоҳ ва талоқ дар Тоҷикистони таърихӣ»** мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ

дар баробари никоҳҳои эндогамӣ ва экзогамӣ навъҳои дигари никоҳ аз қабили никоҳи «подшоҳзан» (замоне баста мешуд, ки духтару писар аввалин маротиба ва бо ризоияти волидайни худ издивоҷ мекарданд), никоҳи «иканзан» (вақте, ки дар оила ҳамаи фарзандон духтаранд ё як фарзанд аст, ки он ҳам духтар), никоҳи «чокарзан» (зане, ки баъди вафоти шавҳараш ба никоҳи марди дигар медаромад, вале ба шавҳари фавтидааш хизмат мекард, яъне фарзандонаш ба ӯ тааллуқ доштанд), никоҳи «сатурзан» (агар баъди фотиҳа, вале то никоҳ домод вафот кунад зан ба марди дигар ба шавҳар мебаромад ва фарзандони ӯ мутааллиқ ба домоди фавтида буданд), никоҳи «худсарзан» (никоҳи духтаре, ки бо хоҳиши худ бар хилофи иродаи волидайн ба шавҳар мебаромад) (С. 78).

**Дар зербоби дуюми боби дуюм – «Мафҳум, мақсад ва тартиби фарзандхондӣ дар замони зардуштиён»** мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин росто муаллиф дуруст қайд менамояд, ки аз лиҳози маънавӣ писархонд бояд боҳуш ва фармонбардор бошад. Агар болиғ аст порсо ва маздоии ростин бошад ва агар мард шуда бошад, падари чандин бача бошад, набояд маъсияти кабирае аз ӯ сар зада бошад, ки сазовори маргаш карда бошад С. 104).

**Боби сеюми диссертатсия – «Хусусиятҳои ташаккулёбии ҳуқуқи оилавӣ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат ва дар он мафҳум ва шаклҳои никоҳ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо дар бастани никоҳ, ҳолати ҳуқуқии маҳрамҳои насабӣ, сабабӣ ва разоъӣ, оқибатҳои ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар мавриди таҳқиқу омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Дар зербоби якуми боби сеюм – «Мафҳум ва шакли никоҳ дар ҳуқуқи мусулмонӣ»** таҳқиқ гардида, дар он диссертант қайд менамояд, ки доир ба мафҳуми никоҳ дар сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи исломӣ, яъне дар Қуръон ва суннат чизе гуфта нашудааст, вале муҳиммият ва зарурати он якчанд маротиба ёдовар гардидааст. Ҳамчунин унвонҷӯй дуруст қайд менамояд, ки ҳуқуқшиносони исломӣ дар бораи мафҳуми никоҳ фикри ягона надоранд, вале дар таърифоти онҳо ба ҳар ҳол умумияте пайгирӣ мешавад. Дар навбати аввал, онҳо никоҳро ҳамчун аҳд баррасӣ мекунанд, ки ин ақидаи унвонҷӯй боиси дастгирӣ мебошад (С. 115).

**Дар зербоби дуюми боби сеюм – «Вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо дар бастани никоҳ ва оқибати ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда»** таҳлилу баррасӣ гардида, дар зербоби мазкур муаллиф таъкид менамояд, ки маҳрамҳо дар низоми ҳуқуқи исломӣ ба се гуруҳ ҷудо мешаванд. Гуруҳи аввал, маҳрамҳои насабӣ, ки аз хешовандони наздик иборат мебошанд. Гуруҳи дуюм аз маҳрамҳои сабабӣ иборат буда, бо сабабҳои гуногун ба

шахс маҳрам мегарданд. Гурӯҳи сеюм ба сабаби никоҳ гурӯҳе аз хешони зан барои мард маҳрами муваққатӣ мегарданд ва онҳо хоҳар, хола, амма, духтари бародар ва духтари хоҳари зан мебошанд.

Ҳамчунин унвонҷӯй қайд менамояд, ки бо назардошти шароити талоқдиҳанда талоқ оқибатҳои ҳуқуқии гуногунро доро мебошад ва мактабҳои ҳуқуқӣ ва донишмандони алоҳидаи онҳо доир ба оқибати талоқи додаи шахс, ки дар шароити муайян (ҳолати мастӣ, беморӣ, маҷбурӣ, гунгӣ-оҷизӣ аз сухан) қарор дошт назарҳои мухталиф баён намуда бо далелҳои гуногуни шаръӣ онро асоснок намудаанд, ки ин ақида боиси дастгирӣ мебошад (С. 174).

**Боби чоруми диссертатсия** – «**Рушди ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ**» ном дошта аз се зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо масъалаҳои хусусиятҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ, никоҳ ва шартҳои бастани он, асосҳои қатъ гардидани никоҳ, фарзандхондӣ ва ухдадориҳои алиментдиҳӣ дар Тоҷикистони шуравӣ таҳлил ва таҳқиқ гардидааст.

**Зербоби якуми боби чорум – «Сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ ва хусусиятҳои он»** номгузорӣ шуда, дар он муаллиф кушиш намудааст, ки хусусиятҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавии Тоҷикистони шуравиро муайян намуда, онҳоро аз назари ҳуқуқӣ таҳлил намояд. Дар ин росто ӯ дуруст қайд менамояд, ки меъёрҳои Декрет «Дар бораи бекоркунии никоҳ» тартиби бекор кардани ақди никоҳ, ҳуқуқи тарафҳо оид ба мурољиат барои бекор кардани никоҳ, мақомоте, ки метавонад никоҳро бекор кунад, аз қабили суд ва шуъбаи қайди ақди никоҳ, интихоби насаб аз ҷониби ҳамсарон, бо кадоме аз волидон боқӣ мондани кӯдакон, таъминоти моддии кӯдак ва зан, паҳн шудани меъёрҳои декрети мазкур ба ҳама новобаста ба эътиқод, оқибати ҳуқуқии талоқе, ки ба тариқи динӣ сурат гирифтааст, муқаррар намудааст (С. 191).

**Зербоби дуюми боби чорум – «Никоҳ: шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани он дар Тоҷикистони шуравӣ»** ном дошта, дар он диссертант қайд менамояд, ки никоҳ, ки яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ ба ҳисоб меравад дар Тоҷикистони шуравӣ ҳамаҷониба мавриди танзим қарор гирифта, тарафҳои никоҳ, мақсад, тартиби бастан ва шартҳои он муайян гардидаанд.

Ҳамзамон, унвонҷӯ пас аз таҳлили қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ муайян менамояд, ки дар маҷмуъ чор ҳолате мавҷуд буд, ки монеаҳои бастани ақди никоҳ мегаштанд: 1) хешу табори наздик будани никоҳшавандагон; 2) дар никоҳи дигар қарор доштани яке аз тарафҳои никоҳ; 3) дорои бемориҳои руҳӣ ё сустақл будани яке аз

тарафҳои никоҳ; 4) фарзандхондкарда ва фарзандхондшуда будани никоҳшавандагон (С. 218-219).

**Боби панҷуми диссертатсия – «Ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: хусусиятҳои рушд ва аломатҳои нави танзими ҳуқуқӣ»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он масоили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молу мулкии ҳамсарон, аҳдномаи никоҳ ва танзими ҳуқуқии он, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтаанд.

**Дар зербоби якуми боби панҷум – «Ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон мувофиқи қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳқиқ шудаанд. Дар он муаллиф моликияти шахсӣ ва умумии ҳамсаронро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ ва эътирофи ҳамаи шаклҳои моликият аз ҷумла моликияти хусусӣ муносибатҳои молумулкии ҳамсарон аҳаммияти бештар касб намуд, зеро онҳо ҳуқуқ пайдо карданд соҳиби корхонаҳои хусусӣ гарданд, ба соҳибкорӣ машғул шаванд ва умуман соҳиби молу мулки зиёде бошанд (С. 266).

**Зербоби дуюми боби панҷум – «Аҳдномаи никоҳ ва танзими ҳуқуқии он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол»** номгузорӣ шуда, дар он муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар замони муосир муқаррар намудани аҳдномаи никоҳ аҳаммияти актуалӣ дорад, зеро дар натиҷаи навъҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ, тиҷорату соҳибкорӣ, зеҳнӣ, умуман дар шароити иқтисоди бозаргонӣ шумораи оилаҳое, ки дар ихтиёри худ молу мулки ғайриманқул, корхонаҳои хусусӣ ва ғ. дар маҷмуъ моликияти зиёде доранд, афзоиш меёбад. Комилан табиист, ки бо афзун шудани молу мулк зарурати ҳимояи он дар оянда ба эътибор гирифта мешавад, ки ин ақидаи диссертант низ боиси дастгирӣ мебошад (С. 268).

Хулосаи диссертатсия натиҷагирии умумии таҳқиқот буда, 14 банди дорои аҳаммияти назариявиро дар бар мегирад, ки ба омӯзиши масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавии тоҷикон, хосатан институтҳои алоҳидаи он ҳамчун никоҳ, аҳдномаи никоҳ, маҳрамҳо, талок, шароити талоқдиҳанда, фарзандхондӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои он, низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва таҳлили сарчашмаҳои қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти муносибатҳои оилавӣ дар ҳамбастагӣ бо хотираи ҳуқуқии миллат дар ин самт дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ, ёдгориҳои фарҳангӣ ва осори сиёсӣ-ҳуқуқии олимони ҳуқуқшинос, ки ташаккул ва рушди хуқуқи оилавиро дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва муосир бахшида шудааст.

Ҳамзамон, 7 банди тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд, ки ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи

татбиқи қонунгузории ҷории кишвар дар самти рушди ҳуқуқи оилавии Тоҷикистони муосир нигаронида шудаанд.

**7. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Диссертатсияи Аминзода Абдураззоқ Худойшукур дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҳолати муосири ҳуқуқи оилавии кишвар бармеояд.

**Аҳаммияти илмӣ.** Таҳқиқот аввалин кӯшиши ҳамаҷонибаи таҳлили ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба шумор меравад. Натиҷаҳои бадастомада заминаи назариявӣ ва методологии ҳуқуқшиносии муосирро васеъ менамоянд, ки барои таҳқиқоти минбаъда дар самти истифодаи натиҷаҳои рушди ҳуқуқи оилавӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии кишвар асос мегузоранд.

**Аҳаммияти амалӣ.** Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои он барои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, самараноки амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс истифода бурда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омода намудани хулосаҳои таҳлилӣ ба кор бурда шаванд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ.** Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи самараноки натиҷаҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ ба таҳкими волоияти қонун ва пешгӯишавандагии муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти иҷтимоӣ.** Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар тақвияти ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ифода меёбад. Истифодаи натиҷаҳои рушди қонунгузории оилавӣ ҳамчун меъёри танзими ҳуқуқӣ ба таъмини баробарӣ, қонуният ва эътимоди шаҳрвандон ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон заминаи устувор фароҳам меорад.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Вобаста ба мавзуъ аз ҷониби унвонҷӯ 2 монография, 28 мақолаҳои илмӣ чоп шудааст. Аз ҷумла, 19 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия, нӯҳ мақолаи дигар дар нашрияҳои дигари илмӣ чоп шудаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Аминджонов, А.Х. Правовое регулирование брака в зороастризме / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – №3/11 (188). – С. 86-88.

**[2-М].** Аминджонов, А.Х. Правовые нормы регулирования расторжения брака в исламе / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – №2/7 (213). – С. 238-240.

**[3-М].** Аминджонов, А.Х. Правовое состояние супругов в эпоху зороастризма / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/3. – С. 271-272.

**[4-М].** Аминҷонов, А.Х. Шароити талоқдиҳанда дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/4. – С. 249-251.

**[5-М].** Аминжонов, А.Х. Возникновение брака и его виды в период действия обычно-традиционного права на территории исторического Таджикистана / А.Х. Аминжонов // Вестник Таджикского национального унверситета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №5. – С. 242-246.

**[6-М].** Аминжонов, А.Х. Усыновление и удочерение: порядок и их правовое последствия в системе зороастрийского права / А.Х. Аминжонов // Вестник Таджикского национального унверситета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №6. – С. 236-239

**[7-М].** Аминҷонов, А.Х. Вазъи ҳуқуқии моликиятии занон дар низоми ҳуқуқии зардуштия / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №7. – С. 243-245.

**[8-М].** Аминҷонов, А.Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №8. – С. 304-307.

**[9-М].** Аминҷонов, А.Х. Ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №9. – С. 340-343.

**[10-М].** Аминҷонов, А.Х. Танзими муносибатҳои ҳуқуқии никоҳӣ-оилавӣ тибқи сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10-1. – С. 249-252.

**[11-М].** Аминҷонов, А.Х. Маҳрамҳои сабабиву разоъӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои никоҳӣ дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №4 (36). – С. 57-66.

**[12-М].** Аминҷонов, А.Х. Уҳдадориҳои алиментдиҳӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2023. – №10-2. – С. 208-212.

**[13-М].** Аминҷонов, А.Х. Баъзе масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №3 (43). – С. 100-107.

**[14-М].** Аминҷонов, А.Х. Вазифа ва принсипҳои ҳуқуқи оилавии шуравӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №4 (44). – С. 95-99.

**[15-М].** Аминджонов, А.Х. Шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ / А.Х. Аминжонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №1 (33). – С. 82-95.

**[16-М].** Аминджонов, А.Х. Низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон / А.Х. Аминджонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №5. – С. 225-229.

**[17-М].** Аминджонов, А.Х. Танзими ҳуқуқии амволи муштараки ҳамсарон тибқи низоми қонунӣ /А.Х. Аминжонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №6-1. – С. 227-232.

**[18-М].** Аминҷонов, А.Х. Асосҳо ва тартиби беэътибор донистани аҳдномаи никоҳ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Х. Аминжонов // Законодательство. – 2024. – №1 (53). – С.103-107.

**[19-М].** Аминҷонов, А.Х. Аҳдномаи никоҳ: тартиби тағйир ва бекор кардани он / А.Х. Аминжонов // Законодательство. – 2024. – №2 (54). – С. 91-96.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[20-М].** Аминҷонов, А.Х. Вазъи ҳуқуқии ҳамсарон дар ҳуқуқи зардуштия / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ таҳти унвони «рушди илмҳои таърих ва ҷомеашиносӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон», бахшида ба 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (17-18-уми апрели соли 2015), Душанбе: «Ирфон», 2015. – 318с.

**[21-М].** Аминҷонов, А.Х. Аҳаммияти иҷтимоии никоҳ ва роҳҳои мустаҳкамсозии он / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» 24 феврали соли 2018. – Қӯрғонтеппа, 2018. – С. 116-118.

**[22-М].** Аминҷонов, А.Х. Бастани никоҳ ва ҳимояи ҳуқуқи занон тибқи низоми ҳуқуқи зардуштӣ / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» 24 феврали соли 2018. – Қӯрғонтеппа, 2018. – С. 125-128.

**[23-М].** Аминджонов, А.Х. Нақши ҳадис дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-оилавӣ дар ислом / А.Х. Аминжонов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2020. – №1. – С. 249-251.

**[24-М].** Аминджонов, А.Х. Формирования семейного законодательства в советском Таджикистане / А.Х. Аминжонов // В сборнике: теоретические

вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане. Материалы международной научно-теоретической конференции. Душанбе, 2023. – С.264-273.

**[25-М].** Аминҷонов, А.Х. Вазъи ҳуқуқии хешони разоъӣ (ширхора) аз назари ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 377-381.

**[26-М].** Аминджонов, А.Х. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар тибқи қонунгузории оилавӣ ва нақши ВАО дар иттилоотонии меъёрҳои ҳуқуқи шаҳрвандон / А.Х. Аминжонов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо» (11-12 апрели соли 2025). – С. 622-625.

**[27-М].** Аминзода, А.Х. Ухдадориҳои падару модар дар амалигардонии ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил / А.Х. Аминзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Конститутсия – асоси низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5-уми ноябри соли 2025) – Душанбе: Матбааи Соҳибкор, 2025. – 220с.

**[28-М].** Аминҷонов, А.Х. Хусусиятҳои ҳуқуқи оилавӣ дар ҳавзаи Мовароуннаҳр / А.Х. Аминҷонов // Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Абумансури Моторудӣ – асосгузори каломи ақлгароӣ ва таҳаммулпазирӣ» Душанбе: 2025. – 202 с.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Аминзода Абдураззоқ Худойшукур ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат,** ки аз диссертатсия бармеояд ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад ва ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти андешаҳои боло як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:**

**1.** Диссертант дар навгонии ҳафтуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусиятҳои танзмими муносибатҳои оилавиро дар Тоҷикистони шуравӣ таҳлил намуда, вазъи ҳуқуқии ҳамсаронро дар бастан ва бекор кардани акди никоҳ, шартҳои никоҳ, тартиби бастани никоҳ, махсусияти сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавиро муайян намудааст, ки воқеан навгонии илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ буда қобили дастгирӣ мебошанд. Вале дар масъалаи бекор кардани никоҳ баъзе паҳлуҳои масъала норавшан боқӣ мондааст. Масалан, муаллиф қайд менамояд, ки «Никоҳ метавонист дар асоси аризаи зану шавҳар ё яке аз онҳо дар мақомоти суд ва ё сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) бекор карда шавад, яъне, ҳам зану мард ба бекор кардани никоҳ ҳуқуқи баробар доштанд ва ҳам тартиби махсуси бо роҳи бақайдгирии расмӣ-давлатӣ бекор кардани никоҳ муқаррар гардидааст».

Хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкоро дар баробари муайян намудани мақомоте, ки салоҳияти бекор кардани акди никоҳро доштанд, инчунин мушаххас менамуд, ки дар кадом ҳолат никоҳ дар мақомоти САҲШ ва дар кадом ҳолат дар мақомоти судӣ бекор карда мешуд, зеро ин масъала аз назари ҳуқуқӣ дорои аҳаммияти муҳим ба шумор меравад.

**2.** Диссертант дар зербоби якум боби 2 мафҳум, шаклҳо ва намудҳои никоҳ ва талоқро дар Тоҷикистони таърихӣ баррасӣ намуда, дар баробари он навъҳои никоҳро дар ҳуқуқи зардуштӣ таҳлил карда, субъектҳо, тартиби бастан, вазъи ҳуқуқии зан вобаста ба навъи никоҳе, зан дар он қарор дорад муайян менамояд. Муаллиф мавҷудияти якчанд навъи никоҳро дар ҳуқуқи зардуштӣ зикр намудааст, аз ҷумла, никоҳи подшоҳзан, никоҳи иканзан, чокарзан, никоҳи сатурзан, никоҳи худсарзан. Ҳангоми таҳлили вазъи ҳуқуқии тарафҳои никоҳ асосан никоҳи подшоҳзан мавриди таҳқиқ қарор гирифта, вазъи ҳуқуқии занҳое, ки дар навъҳои дигари никоҳ қарор доштанд то андозае номаълум боқӣ мондаанд (С. 78-101).

Дар ин замина мехостем муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкоро мавқеи худро оид ба вазъи ҳуқуқии занҳое, ки дар намудҳои дигари никоҳ, қарор доранд, низ ифода намояд.

**3.** Дар қисми 2 тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, унвонҷӯй пешниҳод менамояд, ки «Бо дарназардошти он ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи якканикоҳиро муқаррар намудааст ва тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мардон ва занон баробарҳуқуқанд, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дузанагӣ ё серзанагӣ, инчунин барои душавҳарӣ ё сершавҳарӣ низ ҷазо пешбинӣ карда шавад. Ба назари мо ин масъала баҳснок мебошад, зеро то имрӯз дар амалияи судӣ чунин ҳолат мушоҳида нагардидааст ва тибқи одату анъана ва ҳуввияти худ занони тоҷик ду ё се шавҳар намекунанд.

**4.** Дар қисми 3 тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, унвонҷӯй пешниҳод менамояд, ки «Бо дарназардошти рушди иқтисодиёт, зиёд гардидани сарчашмаҳои даромад, ғанӣ гардидани буҷаи оилаҳо ва зиёд шудани шумораи соҳибкорон, махсусан, занони соҳибкор, инчунин аҳаммияти муҳим доштани аҳдномаи никоҳ дар танзими муносибатҳои молумулкии зану шавҳар зарур мешуморем, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, бастани аҳдномаи никоҳ дар баробари шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳатмӣ гардонида шавад».

Дар ин замина мехостем муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкоро пешниҳоди худро оид ҳатмӣ гардонидани аҳдномаи никоҳро барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок мекард.

**5.** Дар матни диссертатсия мафҳуф, истилоҳҳои амвол, амволии, қаламрав, қаламравӣ ва ғ. истифода шудааст. Қайд кардан зарур, ки тибқи тағйиру иловаҳо ба Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016 ва қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 мафҳум, истилоҳҳои болозикр ҳамчун молк мулк ва ҳудуд иваз ва қабул карда шудаанд. Ин эрод характери тавсиявӣ дошта, мехостем, ки унвонҷӯй дар фаъолияти минбаъдаи худ ба инобат гиранд.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати таҳқиқотро тағйир намедиҳанд.

**Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аминзода Абдураззоқ Худойшукур дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат  пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ

шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Сино
Тел.: (+992) 918611853 E-mail: rrm_67@mail.ru

Имзои Раҷабзода Р.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33
телефон: +992 (37) 224-17-86
E-mail: info@apa.tj http://www.avkd.tj

«05» 03 2026 с.